# ФАРМОНИ
# РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
# НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**«Оид ба тасдиқи қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо мақсади ба низом даровардани тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои замимагардидаи тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои муқаррароти муайяннамудаи қоидаҳои мазкури тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатро таъмин намоянд.

Муовини сардори Раёсат А. Латипов

ш. Душанбе

аз 14 сентябри соли 2005, №59-Д

Бо фармони
Раёсати хизматидавлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 14 сентябри соли 2005,
№59-Д тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ
## тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ

Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднокдодани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатиро дар давраи гузаштани (адои) хизмати давлатӣ муайян менамояд.

### 1. Қоидаҳои умумӣ

1.Мафҳумҳое, ки дар қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:

1) идоракунии эътимоднок - фаъолияти сардори ваколатдор дар хусуси аз номи худ идора намудани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ мебошад, ки соҳиби истифода ва ихтиёрдории он ба ӯ дода шудааст ва ба манфиати хизматчии давлатӣ ё манфиати шахси зикрнамудаи он (бадастоварандаи фоида) дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи шартномаҳои идоракунии эътимоднок анҷом дода мешавад;

2) объекти идоракунии эътимоднок - ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ, ки истифодабарии он боиси ба даст даровардани даромад мегардад;

3) сардори ваколатдор - ҳар шахсе (ба ғайр аз мақоми давлатӣ), ки мувофиқи интихоби хизматчии давлатӣ идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти ӯро дар асоси шартномаи дахлдор ба амал мебарорад;

4) бадастоварандаи фоида, ба истиснои сардори ваколатдор ва мақоми давлатӣ, ҳар гуна шахси дигаре буда метавонад.

2. Хизматчии давлатӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ваколатҳои сардори ваколатдорро бо хоҳиши худ муайян менамояд.

3. Хизматчии давлатӣ ба гирифтани даромад аз ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худ, ки ба идоракунии эътимоднок додааст, ҳуқуқ дорад.

4. Ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ боиси гузаштани ҳуқуқи моликият ба ин ҳисса ба сардори ваколатдор намегардад.

## 2.Асосҳо ва тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ

5.Идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ дар асоси шартномаи идоракунии эътимоднок, ки миёни хизматчии давлатӣ ва сардори ваколатдор баста мешавад ва дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд (таъсис дода мешавад).

6. Хизматчии давлатӣ дар давоми як моҳи баъди таъин шудан ба мансаб дар давраи гузаштани (адои) хизмати давлатӣ ӯҳдадор аст ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро ба идоракунии эътимоднок диҳад.

7. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки аз тарафи нотариус тасдиқ карда шударо ба хадамоти кадрии мақоми давлатии ҷои кораш пешниҳод намояд.

8. Дар сурати пеш аз мӯҳлат бо хоҳиши тарафҳо бекор гаштани шартномаи идоракунии эътимоднок хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки дар ин хусус хадамоти кадрии ҷои корашро огоҳ созад ва ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣқарордоштаи моликияташро дар мӯҳлати 1 моҳи баъди бекор карда шудани шартнома аз нав ба идоракунии эътимоднок диҳад.

9. Минбаъд ҳар гуна маълумот оид ба гузаштани мӯҳлати амали шартномаи идоракунии эътимоднок, қатъ ё аз нав тамдид шудани амали он ба хадамоти кадрии мақоми давлатии ҷои кор пешниҳод карда мешавад.

## 3. Кафолатҳои ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатие, ки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро ба идоракунии эътимоднок додаанд

10. Маълумотҳо дар хусуси дода шудани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ ба идоракунии эътимоднок ахбороти хизматии мақоми давлатиро ташкил медиҳанд ва фош карда намешаванд.

11. Барои фош намудани ин маълумотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар карда мешавад.

**4. Қоидаҳои хотимавӣ**

12. Нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ дар делои шахсии ӯ нигоҳ дошта мешавад.

13. Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ӯҳдадор аст, ки беосеб нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва махфиёти маълумоти гирифташударо таъмин намояд. Иҷозати шинос шудан ба ин маълумот ба роҳбари мақоми давлатӣ ва муовинони ӯ, инчунин дар мавриид ва тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад.

14. Аз тарафи хизматчии давлатӣ пешниҳод накардани маълумот ё пешниҳод кардани маълумоти нодуруст дар бораи додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияташ ба идоракунии эътимоднок мумкин аст барои татбиқи ҷазои интизомӣ асос гардад.